Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.

Соҳаи кишоварзӣ дар иҷрои вазифаи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро мебозад, ки ягон соҳаи дигар наметавонад ҷойгузини он бошад, зеро танҳо кишоварзон қодиранд, ки бо истифода аз захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ неъматҳои моддӣ офаранд ва такрористеҳсолкунии табиии аҳолиро таъмин намоянд. Бинобар ин, сармоягузории соҳаи кишоварзӣ низ бояд бо дарназардошти нақши соҳа дар ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷа амалӣ карда шавад.

Бояд дар назар дошт, ки сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ бавосита (синергия) ва бевосита амалӣ мешаванд. Сохтани роҳ, пул, мактаб, табобатхона ва дигар объектҳои иҷтимоию маишӣ дар деҳот сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, самараи иҷтимоӣ медиҳад ва хароҷотҳои истеҳсолиро низ кам менамояд. Хароҷотҳои бевоситаи дорои характери ҷорӣ, аз ҷумла пошидани нуриҳо ба замин, муборизаи зидди ҳашарот, харидани тухмӣ, чорвои зотӣ, ниҳолҳо, музди меҳнат низ метавонад сармоягузорӣ дониста шавад.

Вобаста ба тарзи истифода ва корбурд, сармоягузориҳо аз ҳам фарқ доранд. Аз ҷониби деҳқонон харидани замин сармоягузорӣ бошад, барои давлат ҳамчун иваз намудани замин истифодабаранда баҳо дода мешавад, на сармоягузории капиталӣ. Аз ҷониби давлат обёрӣ намудани замин сармоягузории капиталӣ ва аз ҷониби деҳқон пардохти хаққи хизматрасонии об маҳсуб меёбад.

Сармоягузориҳое, ки давлат дар соҳаи илм, тарбияи мутахассисони соҳа амалӣ менамояд, барои деҳқон сармоягузории дарозмуддати бемаблағ ва ғайримоддӣ ба ҳисоб меравад ва дар дурнамо самараи иқтисодӣ медиҳад.

Ҳамаи ин хароҷотҳо сармоягузорӣ дониста мешаванд, ҳоло он ки самаранокии онро ҳисоб намудан осон нест. Соҳилмустаҳкамкунии дарёҳо хароҷотҳои зиёди капиталиро талаб менамояд, вале он сармоягузории соҳаи

кишоварзӣ баҳо дода намешавад, бо вуҷуди он, ки чунин сармоягузорӣ заминҳои кишоварзӣ, манзили деҳқонон, зироат, растанӣ ва чорворо аз талафёбӣ эмин медорад.

Муаллиф модели кластери сабзавот пешниҳод кардааст, ки ташкили он имконияти сарчашмаҳои худии соҳаро (фоида ва фонди истеҳлок) баланд бардошта, метавонад сармоягузории соҳаи сабзавоткориро таъмин намуда, бо ин роҳ Тоҷикистонро ба мамлакати истеҳсолкунанда ва содиркунандаи сабзавот дар ҷаҳон муаррифӣ намояд, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Вале автореферати диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба назари мо, агар муаллиф сарчашмаҳои сармоягузориро дар сатҳи микроиқтисод мавриди таҳлил қарор дода, роҳҳои афзоиши онро нишон медод, кори диссертатсионӣ такмил меёфт.

Вале, камбудии қайдшуда, қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад. Дар маҷмуъ автореферати мазкур, таҳқиқоти ба анҷомрасида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави проблемаи таҳқиқшаванда мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси
6D050704, дотсенти кафедраи молияи
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Гулов Б.М.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, 735140, шаҳри Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67. Тел: +(992) 900-50-50-09, E-mail: gulov94.94@mail.ru

Дурустии имзои Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М.
06.02.2026